# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» бо он асос меёбад, ки принсипҳои тарбия ва маърифати экологӣ ба ҳуқуқи инсон, ба муҳити мусоиди зиндагӣ асос ёфта, ғояи ташаккули шахси дорои тафаккури навро дар бар мегирад ва фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ бехатарро бо мақсади ҳифзи муҳити зист амалӣ менамояд.

Дар рисолаи пешниҳодшуда масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ, ташаккули заминаи маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳифзу ҳимояи арзишҳои табиат дар ҳамкории МТТ бо оила муҳим арзёбӣ мегардад, баён шудааст.

Хеле муҳим аст, ки дар баррасии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ оид ба ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати диёр докторант зарурати ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди нокифояи роҳу усулҳои шинос намудани онҳо бо табиати Тоҷикистонр ошкор сохтааст.

Бояд қайд кард, ки муҳаққиқ таҳқиқоти диссертатсиониро дар асоси талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, «Стратегияи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудааст.

Падидаи **навгонӣ** ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуқтаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд, аз ҷумла:

- шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила татбиқ гардиданд;

- амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёй- рушддиҳанда; рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ; инчунин рушди муоширати ва эҷодкорӣ иборат аст, дар ҳамкории МТТ бо волидон иборат мебошад, коркард ва татбиқ гардид;

- барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо мураттаб ва мавриди санҷиш қарор ёфт.

- ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон таҳқиқ гардиданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки он метавонад камбудиҳои мавҷудаpo дар масъалаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро пурра намояд. Аҳамияти амалӣ дар таҳия ва татбиқи шароитҳои мушаххаси педагогӣ, ки ба инкишофи донишҳои экологӣ ва ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми шиносоӣ бо табиати диёри худ нигаронида шудаанд, ифода меёбад.

Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ тавсияи хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони ватан ва хориҷӣ бештар оварда мешуд.

## ХУЛОСА

Автореферати Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои педагогӣ,
муовини сардори Маркази «Тоҷикшиносӣ»-и
Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаров Муҳаммад Сатторович.

15.06.2026

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон-5, Китобхонаи миллӣ, Тел: (+992 91) 874–11–73;
E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru

Имзои Сафаров Муҳаммад Сатторовичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломзода А.